**СУРАТҶАЛАСАИ №10**

аз ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 17-уми январи соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ 10 нафар, аз рӯйи ихтисос 5 нафар

**РӮЗНОМА**

1. Дар бораи иҷозат ба ҳимояи диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), барои муайян кардани санаи баргузории ҳимояи такрорӣ, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:**

Гузориши раиси Шӯрои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. дар бораи пешниҳод гардидани хулосаи комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов Абдулатиф баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти

маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба талабот ҷавобгӯ буда, онро барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд (матни хулосаи экспертӣ замима мешавад).

Шӯрои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Холназаров Санг** доктори илмҳои педагогӣ, профессор кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав";

**Муқарризи расмии дуюм - Сайдаҳмадзода Дилором** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон" - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар - **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**.

3. Рӯйхати аъзои Шӯро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 15-уми апрели соли 2023, соати $09^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо хуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.